**ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ**

ба диссертатсияи Бобоҷонова Назира Дадоевна дар мавзуи: «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ.

Бобоҷонова Назира Дадоевна, аз соли 2019 унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» маҳсуб ёфта, рисолаи илмии худро дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон», ҷиҳати дарёфти унвони илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ барои баррасӣ пешниҳод намудааст.

**Мубрамияти мавзуи дар рисола таҳқиқшавандаро** ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ифода менамояд. Дар замони муосир дигаргуниҳои куллии дар олам ба вуҷуд омадаистода, тағйирёбии ҷомеа арзишҳои навро дар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, ҷорӣ карда истодааст, ки он ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири ҳалкунанда дорад. Институти оила чун поягузори ҷомеа маҳсуб ёфта, бидуни оилаи солим ташкили ҷомеаи намунавӣ ғайриимкон мебошад. Муаммоҳои психологӣ, ба монанди чӣ гуна тағйиротҳои иҷтимоӣ ва муҳити солими равонии оила ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон, бавижа ҳолати равонӣ таъсир мерасонад ва кадом натиҷаҳо пешбинӣ карда мешаванд. Барои ҳамин ҳам, таҳқиқи нақши муҳити солими психологии оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон мувофиқи мақсад аст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти диссертант Бобоҷонова Назира Дадоевна муҳим ва мубрам маҳсуб ёфта, он метавонад ба як силсила муаммоҳои дар доираи ин масъала ҷойдошта мусоидат намояд.

Оила мураккабтарин зерсистемаи ҷомеа буда, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад, ки муҳимтаринаш – тарбия ва ба воя расонидани инсони комил ба шумор меравад. Оила чун нуқтаи ибтидоии раҳнамоикунандаи тарбиявӣ ва психологии кӯдак буда, баробари ба зиндагӣ омодагӣ намудан, аллакай онро аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, ҳамчун ғояи пешбарандаи тарбияи фарзанд дар оила зарурати таъмини ҳаёти солим дар ҳар марҳилаи синнусолӣ ба миён меояд.

Вазифаҳои таълиму тарбияи фарзандон дар оила – ин ташаккули шахсият, қувваҳои беназири табиӣ, майлҳо, қобилиятҳои инфиродӣ, инкишофи орзуҳои олии он, истифодаи воситаҳо ва усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки таъсири педагогии падару модар ба фарзанд мебошанд. Психологияи муосир далелҳои зиёди бартарияти таълим ва тарбияи оиларо аз ташаккули шахсияти фарзанд дида тавонистааст. Ҳоло психологияи оилавӣ чун соҳаи босуръат инкишофёбандаи донишҳои илмӣ эътироф карда шудааст.

Оила ягона муассисаи таълимиест, ки одам таъсири маънавии онро дар давоми ҳаёташ бо таҷриба аз сар мегузаронад. Бинобар ин, аксарияти равоншиносон боварӣ доранд, ки комёбии ташаккули шахсият дар ҳамоҳангии тарбияи оилавӣ ва иҷтимоӣ бунёд ёфтааст. Баҳри инкишофи ҳаматарафа ва ҳамоҳангии шахсияти худ, кӯдак бояд дар муҳити оилавӣ, фазои сулҳу субот, меҳру муҳаббат, садоқат, якдигарфаҳмӣ ба воя расад. Кӯдак бояд ба ҳаёти мустақилонаи ҷомеа комилан омода бошад. Ӯ маҳз дар оила таҷрибаи рафторро аз худ намуда, дар вай асосҳои иҷтимоии шахсият гузошта мешаванд. Оилаи муосир метавонад вазифаи тарбиянамоиро бомуваффақият амалӣ намояд, агар волидон тамоми фаъолияти субъективӣ ва объективии вобаста ба ташаккули шахсияти кӯдаконро тибқи механизмҳои мутобиқшавӣ, худидоракунӣ ва арзишҳои худташкилдиҳӣ роҳандозӣ кунанд.

Сохтори илмӣ ва методи иҷроиши корҳои тадқиқотӣ ба талаботҳо ва тарзи иҷрои рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ мувофиқат менамояд. Унвонҷӯ дараҷаи таҳқиқи мавзуъро аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳлилу баррасӣ намуда, мувофиқи мақсад, вазифа, фарзия ва методикаҳои тадқиқотӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаҳо, заминаҳо ва марҳилаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии кори тадқиқотиро корбарӣ намудааст, ки дар радифи он муҳтавои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидааст.

**Дастовард ва арзишнокии илмии кори** диссертатсионии Бобоҷонова Назира Дадоевна дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф миқдори хеле калони маводҳои боэътимоди ватаниву хориҷӣ, сарчашмаҳои илмиро тадқиқ, муқоиса ва онҳоро аз тарафҳои гуногун бо ҳам гузоштааст. Якчанд методҳои тадқиқотии

дахлдорро вобаста ба вобаста ба мақсаду вазифа, объекту предмети тахқиқ дуруст истифода намуда, корро навиштааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои ӯ аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, тамоми ҷанбаҳои тадқиқотро ҷамъбаст мекунад. Чунин муносибат нисбати маводи омӯхташаванда ба диссертант имкон дод, ки ҳамаи вазифаҳои дар пеш гузошташударо ҳал намояд.

Дар рисолаи Furbobоҷонова Н.Д., ки аз ҷиҳати психологӣ масъалаи ташаккулёбии ҳиссиёти наврасон, бавижа, ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар оила (Н.М. Юнусова, С.Б. Бобоева, А.Р. Мансурова, М.Т. Давлатов, М.Ё. Шарипова, Ҳ.А. Зайтметов, С. Қодиров, М. Давлатов, Ҷ.Б. Бобоҷонов, С. Иброҳимӣ, З.Р. Сафарова, М.Ш. Саидзода), масъалаҳои назариявии тарбия, ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон ва мақоми ниҳодии оила дар он (С. Минухин, Ч. Фишман, С.Н. Бурова, В. Сатир, Г. Навайтис, В.А. Сисенко, С.В. Ковалев, Р.И. Погорова, С.В. Ковалев, В.Н. Дружинин, Ю.Е. Алешина, А.С. Спиваковская, И.Л. Фурманов, А.Л. Аладйин, С. Кратохвилл) масъалаи оила бо баробари густариши равандҳои нави ҷаҳонишавӣ (Е.В. Рибак, Н.Г. Слепсова, А.Б. Федулова, Н.В. Сихончик, Л.И. Божович), масъалаҳои худидоракунӣ ва худташкилдиҳии наврас дар инкишофи ҳиссиёти ахлоқии ӯ дар оила (Л.В. Доманетская, А.В. Лисова, И.С. Кон, Л.В. Зиновйева, И. Гирдаков) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аз ҷониби рисоланавис таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар таҳқиқот методҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса, аналогия ва абстраксиянамоӣ), эмпирикӣ (анкета, сӯҳбат); ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода бурда шудаанд, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин менамоянд. Дар рафти таҳқиқот методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ»; методикаи таҳқиқи дараҷаи майл ба эмпатияи И.М. Юсупов; анкетаҳои муаллифӣ истифода шуданд.

Ба унвонҷӯ муяссар гаштааст, то ин методикаҳои интихобшударо тарҷума намуда, вобаста ба мақсаду вазифаҳои тадқиқотии худ модификатсия ва мутобиқ намояд, аз онҳо эҷодкорона истифода барад, таҳлили сифатию миқдории натиҷаҳои бадастовардашударо пешниҳод намояд. Натиҷаҳои озмоишҳо дар шакли ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо аз рӯйи шаклгирии солимии равонӣ, эмпатия, муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила, муҳити иҷтимоӣ, ҳолати равонӣ, худбаҳодиҳӣ коркард ва пешниҳод карда шуданд.

Таҳлили математикӣ ва омории маълумоти бадастомада бо истифода аз маҷмуи усулҳои компютерӣ, аз ҷумла STATISTICA барои Windows 7.0 (аз ҷониби Statsoft таҳия гардидааст) гузаронида шудааст, ки бо усули таҳлили коррелятсионӣ мувофиқи барномаи Пирсон ва Спирмен, барномаҳои MS Office, R 3.4.0 (фазои коркард: RStudio) амалӣ гаштааст.

Таҳқиқоти таҷрибавӣ бо 140 нафар наврасон дар муассисаҳои №24, №7, №14 (2020-2023, шаҳри Хуҷанд), 30 нафар модарони то синни 40-сола, 12 нафар модарони то синни 50-сола ва 21 нафар падарони то синни 50-сола гузаронида шудааст.

Истифодаи методҳои тадқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ ба Бобоҷонова Н.Д. имконият додааст, кӣ иҷроиши мақсаду вазифаҳои тадқиқотӣ, амалисозии фарзияи илмии худро таъмин намояд. Хулосаи бобҳо ва адабиётҳои умумии истифодашуда ба мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи рисолаи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Дар раванди иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти педагогӣ унвонҷӯ Бобоҷонова Назира Дадоевна ҳамчун олим-муҳаққиқ, омӯзгори эҷодкор ташаккул ёфт. Дар ҷараёни корҳои озмоишии таҳқиқотӣ баҳри ноилшавӣ ба натиҷаи амиқ саъю талоши пайгирона зоҳир намуд. Зимни корбарӣ бо озмудашавандагон, ҳангоми муоширату муносибат бо наврасон сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги педагогии худро хеле бамаврид истифода бурда, сазовори эҳтирому эътирофи хосаи онҳо гардидааст.

Дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, илмӣ-назариявии ҳамасолаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маҷаллаҳо бо маърӯзаҳо, гузоришҳо фаъолони иштирок намуда, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионии худро мавриди баррасиву муҳокима қарор додааст.

Пажуҳиши илмии Бобоҷонова Н.Д. кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист ва он дар оянда баҳри густариш ёфтани ин гуна осори таҳқиқӣ роҳро ҳамвор хоҳад намуд.

Диссертатсияи Бобоҷонова Назира Дадоевна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну мухтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи

ихтисоси илмии 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ таъйин шудаанд, пурра мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи таҳқикоташ дар маҷмуъ 11 – мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 6 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шудаанд. Инчунин 6 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву хориҷ аз он нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Бобоҷонова Назира Дадоевна таҳти унвони «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ аст.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Юнусова Н.М.**
“14” 05 соли 2025
**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Почтаи электоронӣ nafisa48@mail.ru
Тел: +992 (90) 797-48-07

“Имзои профессор Н.М. Юнусоваро тасдиқ мекунам”:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992 -37) 221-62-25
E-mail: info@tnu.tj